Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, синфхонаи 102)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович дар мавзӯи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. Назарияи иқтисодӣ пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити муосири ташаккул ва рушди иқтисодиёти бозорӣ масъалаи таъмини рақобати самаранок яке аз самтҳои муҳимми назарияи иқтисодӣ ва сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Рақобати солим ва самаранок барои истифодаи оқилонаи захираҳои иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати молу хизматрасониҳо, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, таҳкими мавқеи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди рақобат дар бозори соҳавӣ, махсусан дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ мебошад.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф рақобатро на танҳо ҳамчун категорияи назариявии иқтисодӣ, балки ҳамчун падидаи воқеии иқтисодию институтсионалӣ дар робита бо рушди бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Дар автореферат масъалаҳои марбут ба ташаккул ва таҳаввули назарияи рақобат, саҳми олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар рушди андешаҳои рақобатӣ, хусусиятҳои муносибатҳои рақобатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, масъалаҳои танзими давлатии рақобат ва ташаккули стратегияи рақобатӣ баррасӣ гардидаанд.

Яке аз ҷанбаҳои қобили таваҷҷуҳи таҳқиқот таҳлили вазъи бозори молҳои истеъмолӣ ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба сатҳи рақобат мебошад. Муаллиф омилҳои боздоранда ва мусоидаткунандаи рушди рақобатро муайян намуда, ба масъалаҳои рушди инфрасохтори бозорӣ, густариши фаъолияти савдо, тағйирёбии қобилияти харидории аҳолӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, татбиқи навовариҳои технологӣ ва таҳкими шаклҳои ғайринархии рақобат таваҷҷуҳ менамояд.

Дар таҳқиқот ҳамчунин таъсири омилҳои фазоӣ ва логистикӣ ба ташаккули муҳити рақобатӣ, фарқияти хусусиятҳои бозорҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ, аҳаммияти сифати молу хизматрасонӣ ва сатҳи дастрасии истеъмолкунандагон ба молҳои бозор мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ин ҷанбаҳо имконият медиҳанд, ки рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ на танҳо аз нуқтаи назари нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, балки дар робита бо омилҳои институтсионалӣ, иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ низ арзёбӣ карда шавад.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар низомбандӣ ва рушди ҷанбаҳои назариявии муносибатҳои рақобатӣ, муайян намудани хусусиятҳои ташаккул ва рушди бозори молҳои истеъмолӣ, ошкор намудани маҷмӯи омилҳои боздоранда ва мусоидаткунандаи рушди рақобат, инчунин таҳияи равишҳои назариявию методӣ оид ба ташаккули стратегияи рақобатӣ ифода меёбад.

Қобили зикр аст, ки муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии муҳити рақобатиро пешниҳод намуда, ба такмили механизмҳои институтсионалӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ, истифодаи имкониятҳои инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ аҳаммияти махсус медиҳад. Ин пешниҳодҳо ба талаботи рушди муосири иқтисодиёти бозорӣ мутобиқ буда, метавонанд дар такмили сиёсати иқтисодии давлатӣ ва рушди бозори молҳои истеъмолӣ истифода шаванд.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои бадастомада як қатор тавсияҳои муҳимро оид ба рушди муҳити рақобатӣ пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, такмили механизмҳои ҳуқуқию институтсионалии танзими рақобат, дастгирии соҳибкории хурду миёна, коҳиш додани монеаҳои воридшавӣ ба бозор, рушди инфрасохтори савдо ва логистика, рушди савдои электронӣ, таҳкими шаклҳои ғайринархии рақобат ва такмили сиёсати зиддиинҳисорӣ аз ҷумлаи самтҳои пешниҳодшуда мебошанд.

Новобаста ба натиҷаҳои мусбат ва арзишманд, автореферати диссертатсияи тақризшаванда аз баъзе камбудиҳо холӣ нест, бахусус:

1. Барои боз ҳам возеҳтар гардидани заминаҳои назариявии таҳқиқот ҷудокунии дақиқи мазмун, хусусиятҳо ва меъёрҳои арзёбии категорияҳои «рақобат», «рақобатпазирӣ», «муҳити рақобатӣ» ва «шиддатнокии рақобат» мувофиқи мақсад мебошад.

2. Қисми муайяни пешниҳодҳои стратегӣ хусусияти умумӣ дошта, барои баъзе аз онҳо нишондиҳандаҳои мушаххаси арзёбии натиҷа, марҳилаҳои татбиқ ва муҳлати амалисозӣ ба таври пурра инъикос наёфтаанд. Муайян намудани

нишондиҳандаҳои ченшавандаи самаранокӣ метавонист аҳаммияти амалии тавсияҳои пешниҳодшударо боз ҳам баланд бардорад.

Маврид ба зикр ст, ки эроду камбудиҳои мазкур дараҷаи баланди илмии таҳқиқотро коста накарда, ҳамчун тавсия баён карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилона ва ба охиррасидаи муаллиф шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳои илмии он барои такомули муносибатҳои рақобатӣ, муайян намудани хусусиятҳои ташаккул ва рушди бозори молҳои истеъмолӣ, инчунин ташаккули стратегияи рақобатӣ мусоидат мекунад. Мақолаҳои унвонҷӯ муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Автореферати диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзӯи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”,**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

«_26_» ______08______ соли 2026.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 28, бинои 2 “Б”, ҳуҷраи 10,
Тел: (+992) 92 845 00 54
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39.
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: rector@hgu.tj

«_31_» ______08______ соли 2026.